**Нусха**

**аз қарори ҷаласаи кафедраи филологияи англиси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз санаи 20.04. 2023 № 9**

Иштирок доштанд:
Номзадони илм, дотсентон,
Кесамирова С.Р., Мусоямов З.М.,
Иматшоева М.Б.,Даминова М.З.,
Султонзода М., муаллимони калон
Астанова Х. А., ҲасановаМ., Ҳомидова М.,
Ҷураева Ҷ., Акобирова С.,Бобокалонова Т.,
ассистентон Хушқадамова П., Лолаев А.,
Қурбонов Э., Яқубова М., Холова М.
Салоҳиддинова Г., Одинаева З.

**Рӯзнома**

1. Баррасӣ ва муҳокимаи диссертатсияи доктор (PhD)- и Иматова Манижа Қудратовна дар мавзӯи “Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума” (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктор фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).

Ҷаласаро бо сухани муқаддимавӣ мудирикафедраи филологияи англис н.и.ф., дотсент Кесамирова С.оғоз намуда, доир ба навгониҳо оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва муқаррароти дарҷшудаи “Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ”- ро. Ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267ба тасвиб расидааст, ба иштирокчиёни ҷаласа маълумот дод. Ҳамзамон, мудири кафедра қайд намуданд, ки Иматова Манижа

Қудратовна рисолаи номзадии худро таҳти роҳбарии д.и.ф., профессор Турсунов Файёзҷон Мелибоевич анҷом додааст вабарои муҳокима ба кафедраи филологияи англис пешниҳод намуд. Диссертатсияро номзадони илми кафедра Кесамирова С., Иматшоева М.,Даминова М. ваСултонзода М. хонда, барои муҳокима дар кафедра тавсия доданд.

Сипас, сухан ба диссертант Иматова Манижа Қудратовна дода шуд ва номбурда ба таври мухтасар тавассути презинтатсия мазмун ва мӯҳтавои диссертатсияи худро баён карда, бандҳои ба муқаддима ва хулоса воридшударо ишора намуд.

Баъдан аъзои ҷаласа ба муҳокимаи диссертатсия оғоз намуданд.

Кесамирова С. н.и.ф., дотсенти кафедра дар баромади худ қайд кард, ки рисола аз рӯйи талаботи КОА навишта шудааст. Ҳар як боб ва зербоҳо бо хулоса ба охир расидаанд. Диссертатсия аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст, вале баъзе хатогиҳои услубӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд.

Н.и.ф., дотсенти кафедра Иматшоева М. ба сухан баромада, қайд намуд, ки мавзӯи рисолаи илмии Иматова М. Қ.. актуалӣ буда, то ба имрӯз аз ҷиҳати муқоисавӣ дар забони тоҷикӣ ва англисӣ таҳти таҳлил қарор наёфтаст. Диссертатсия ба дараҷаи баланди илмӣ таълиф ёфтааст, вале баъзе хатогиҳои ҷиддӣ ба монандӣ мувофиқат накардани мундариҷа бобҳо ва зербобҳо. Дуруст тарҷума наёфтани баъзе иқтибосҳо аздигар забонҳо ва монанди инҳо ба назар мерасанд.

Н.и.ф., дотсент Даминова М. чунин пешниҳод карданд, ки дар диссертатсия чанд камбудиву норасоиҳое баназар расиданд, ки ба фикри ман дар оянда барои беҳбудии таҳқиқ ва баланд бардоштани арзиши илмӣ ба манфиати кор хоҳад буд. Аз ҷумла рӯйхати адабиёти истифодашуда ба талабот ҷавобгӯ набуда, ба расмият даровардани он ба манфиати кор хоҳад шуд.

Ҷаласаи кафедраро мудири кафедра дотсент Кесамирова С.Р. ҷамъбаст намуда. дар асоси пешниҳодот ва баёни фикру андешаҳо

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи докторант (PhD) – Иматова Манижа Қудратовна дар мавзӯи “Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума” (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ) таҳти роҳбарии профессор Турсунов Ф.М. анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Докторант вазифадор карда шавад, ки дар кӯҳтотарин муҳлат камбудиҳои ошкоршударо ислоҳ намуда, ба шӯрои олимони факултет барои пешдифоъ пешниҳод карда шавад.
3. Назорат аз болои рафти и н қарор ба зиммаи мудири кафедра ва котиби ҷаласа вогузор кардашавад.

Раиси ҷаласа Кесамирова Саодат Рустамовна

Котиби ҷаласа Иматшоева Мунира Бандишоевна